# 6493 - Оё харҷи ҳаҷро аз шавҳараш, ки чизҳои ҳаром мефурӯшад, бигирад?

## савол

Шавҳарам тарабхонае дорад, ки дар онҷо май ва гӯшти хук мефурӯшад. Ман ду фарзанд дорам ва мехоҳам баъди ду сол ба ҳаҷ равам, иншоаллоҳ (агар Аллоҳ бихоҳад). Шавҳарам гуфт, ки хароҷоти онро мепардозад, зеро ман ягон манбаи даромади молӣ надорам ва ман намехоҳам, ки каси дигаре фарзандонамро тарбия кунад. Оё ин ҷоиз аст?

Ман бояд чӣ кор кунам? Медонам, ки ману фарзандонам ҳанӯз хурдсолем, аммо ман мехоҳам ҳаҷ намоям, чӣ кор кунам?

## Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Саволи зеринро ба Шайх Абдуллоҳ ибни Ҷибрин матраҳ намудем:

Шавҳараш май ва гӯшти хук мефурӯшад. Оё ҷоиз аст, ки хароҷоти ҳаҷҷи фаризаро аз ӯ бигирад?

Ӯ (Аллоҳ ӯро ҳифз кунад) чунин посух дод:

Не, ҷоиз нест ва ӯ аз зумраи нотавонон ба ҳисоб меравад.

(Яъне ин зан аз ҷумлаи касоне ҳисобида мешавад, ки барои адо намудани ҳаҷ қудрату тавоноӣ надоранд).